# Шарҳи моҳонаи таваррум • Июли 2022

**Сатҳи таваррум[1] дар моҳи июли соли 2022 ба 0,4 фоиз баробар гардид, ки нисбат ба моҳи қаблӣ 0,2 банди фоизӣ (б.ф.) зиёд мебошад.**

Дар моҳи баррасишаванда таварруми ҳосилшуда асосан аз ҳисоби болоравии нархи маҳсулоти хӯрокворӣ 0,6 фоиз (саҳм дар таваррум 0,3 б.ф.), молҳои ғайрихӯрокворӣ 0,3 фоиз (0,1 б.ф.) ва хизматрасониҳои пулӣ ба аҳолӣ 0,2 фоиз (бо саҳми ночиз) ба амал омад.

Дар сохтори маҳсулоти хӯрокворӣ болоравии нархи маҳсулоти серистеъмоли аҳолӣ, аз қабили нархи биринҷ 0,4 фоиз, сабзӣ 2,9 фоиз, пиёз 29,7 фоиз, тухм 14,0 фоиз, помидор 15,9 фоиз ва ғайра ба назар расид.

Дар баробари ин, коҳишёбии нархи баъзе аз маҳсулотҳои хӯрокворӣ, аз ҷумла орди навъи якум 1,1 фоиз, гӯшти гов 2,6 фоиз, равғани пахта 1,0 фоиз, равғани офтобпараст 0,4 фоиз, шакар 3,3 фоиз, картошка 4,8 фоиз, себ 32 фоиз ва ғайра ба қайд гирифта шуд. Раванди арзоншавии ин маҳсулотҳо асосан дар натиҷаи афзоиши пешниҳоди онҳо дар натиҷаи ҷамъоварии ҳосили фаровон ба вуқӯъ пайваст.

Аз молҳои ғайрихӯрокворӣ бошад, дар моҳи ҳисоботӣ бештар болоравии нархи маводи доруворӣ 0,5 фоиз, масолеҳи таъмир ва сохтмон 1,0 фоиз, маводи шустушӯӣ 0,9 фоиз, гази моеъ 2,1 фоиз ва ғайра мушоҳида гардид.

Намояи нарху тарифаҳои хизматрасониҳои пулакие, ки ба аҳолӣ расонида мешаванд, дар моҳи июли соли ҷорӣ 0,2 фоиз раванди болоравӣ дошт. Ба ин раванд бештар қиматшавии нархи хизматрасонии газ (бахусус гази моеъ 2,2 фоиз) ва хизматрасониҳои нақлиёт 0,2 фоиз мусоидат намуд

Дар моҳи июли соли ҷорӣ тибқи маълумоти омори расмӣ болоравии сатҳи нархҳо дар кишварҳои минтақа, аз ҷумла Туркия 2,4 фоиз, Қазоқистон 1,1 фоиз, Белорус 0,5 фоиз, Қирғизистон 0,5 фоиз ва Гурҷистон 0,2 фоиз ба қайд гирифта шуд.

**Таварруми моҳона ва солона, бо %**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Афзоиши гурӯҳи нархҳои истеъмолӣ ва саҳми сохтории онҳо дар таварруми солона, бо %**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Тағйирёбии намояи нархи орди навъи якум ва шакар, бо %, моҳона**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)



**Таварруми солона дар моҳи июли соли 2022 ба 8,3 фоиз баробар гардид, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта 0,8 б.ф. кам мебошад.**

Сатҳи таварруми солона дар ин давра дар кишварҳои минтақа, аз ҷумла Туркия 79,6 фоиз, Белорус 18,1 фоиз, Русия 15,1 фоиз, Қазоқистон 15,0 фоиз, Қирғизистон 13,8 фоиз, Ӯзбекистон 12,3 фоиз, Гурҷистон 11,5 фоиз ва Арманистон 9,3 фоизро ташкил менамоянд.

Сатҳи таварруми аслӣ, ки қисман омилҳои монетариро инъикос менамоянд, дар моҳи июли соли ҷорӣ 0,3 фоизро ташкил намуда, бо арзёбии солона ба 2,7 фоиз баробар гардид. Ба ин раванд бештар болоравии нархи молҳои ғайриҳӯрокворӣ ва маҳсулоти тайёри хӯрокворӣ мусоидат намуд.

**Бонки миллии Тоҷикистон татбиқи сиёсати пулию қарзиро ҷиҳати коҳиш додани таъсири омилҳои монетарӣ ба сатҳи таваррум бахри ноил гардидан ба нишондиҳандаи мақсадноки пешбинишуда бо истифода аз фишангҳои монетарӣ идома хоҳад дод.**

**Сатҳи таваррум дар минтақа (бо фоиз)**
(манбаъ: Мақомоти омори давлатҳои дахлдор)

| Кишварҳо | Таварруми моҳона (июл 2022) | Таваррум янв.-июл. с.2022 | Таварруми солона (июли с.2022) |
|---|---|---|---|
| Туркия | 2,4 | 45,7 | 79,6 |
| Қазоқистон | 1,1 | 11,7 | 15,0 |
| Белорус | 0,5 | 12,7 | 18,1 |
| Қирғизистон | 0,5 | 9,6 | 13,8 |
| **Тоҷикистон** | **0,4** | **4,6** | **8,3** |
| Гурҷистон | 0,2 | 8,0 | 11,5 |
| Ӯзбекистон | -0,1 | 6,4 | 12,3 |
| Русия | -0,4 | 11,0 | 15,1 |
| Арманистон | -1,4 | 4,9 | 9,3 |

**Таварруми аслии солона, бо %**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ




[1] - тибқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

## Намояи нархҳои истеъмолӣ (таваррумӣ солона бо фоиз)*

| | Вазн,% | 2019 | 2020 | 2021 | | | | 2022 | | | | | | | Июл |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | Март | Июн | Сентябр | Декабр | Январ | Феврал | Март | Апрел | Май | Июн | Июл | моҳона, % |
| **Номгӯи молу маҳсулот ва хизматрасонӣ** | **100,0** | **8,0** | **9,4** | **9,9** | **9,0** | **9,6** | **8,0** | **7,8** | **7,1** | **7,3** | **7,3** | **7,5** | **8,3** | **8,3** | **0,4** |
| **Маҳсулоти хӯрокворӣ ва нӯшокиҳои беспирт** | **48,1** | **11,4** | **13,5** | **13,5** | **10,9** | **11,0** | **7,5** | **6,8** | **6,4** | **7,2** | **7,5** | **7,5** | **9,6** | **9,7** | **0,5** |
| Нон ва маҳсулоти нонӣ | 15,1 | 16,5 | 13,8 | 10,4 | -3,7 | 2,2 | 4,0 | 4,8 | 4,8 | 11,0 | 16,7 | 22,2 | 24,6 | 24,6 | -0,5 |
| Биринҷ | 2,8 | 7,6 | 3,2 | 0,4 | -5,5 | -7,8 | -7,5 | -7,5 | -7,0 | -5,7 | -3,9 | -2,5 | -1,2 | -1,9 | 0,6 |
| Орд | 8,6 | 21,0 | 16,4 | 12,9 | -5,7 | 4,6 | 8,0 | 8,8 | 8,6 | 18,0 | 26,4 | 34,9 | 38,3 | 38,6 | -1,1 |
| Гӯшт ва маҳсулоти он | 7,3 | 21,8 | 5,7 | 9,0 | 14,6 | 14,0 | 15,1 | 15,3 | 13,9 | 9,8 | 2,6 | 0,9 | 0,3 | -1,5 | -1,4 |
| Гӯшти гов | 3,9 | 25,9 | 6,2 | 9,5 | 15,5 | 15,8 | 14,9 | 15,1 | 13,9 | 7,7 | -0,5 | -3,6 | -4,9 | -7,8 | -2,6 |
| Тухм | 1,5 | 6,3 | 18,9 | 43,2 | 24,2 | 11,9 | -14,4 | -24,0 | -26,3 | -21,2 | -18,6 | -24,3 | -12,1 | 2,8 | 14,0 |
| Шир ва маҳсулоти ширӣ | 1,9 | 6,4 | 4,3 | 5,6 | 6,2 | 7,9 | 8,9 | 7,7 | 9,9 | 23,6 | 21,7 | 23,6 | 23,9 | 24,1 | 0,5 |
| Шир | 0,5 | 7,3 | 5,6 | 10,3 | 3,1 | 8,8 | 4,3 | 4,0 | 10,6 | 15,4 | 17,0 | 18,3 | 21,3 | 16,3 | -1,4 |
| Равғани рустанӣ ва ҳайвонот | 4,6 | -1,7 | 42,3 | 51,5 | 64,3 | 58,9 | 20,8 | 20,5 | 17,3 | 12,4 | 4,2 | 4,5 | 4,3 | 2,3 | -0,8 |
| Меваҷот | 4,1 | -2,2 | 4,7 | -6,4 | -9,5 | -9,7 | -6,7 | -6,6 | -6,9 | -8,3 | -5,3 | -5,2 | -6,1 | -10,5 | -5,5 |
| Сабзавот | 6,8 | 15,4 | 5,8 | 5,5 | 14,1 | 11,7 | 16,4 | 11,6 | 13,4 | 6,3 | 5,4 | -3,0 | 1,8 | 3,9 | 5,0 |
| Шакар | 1,9 | -5,1 | 40,8 | 46,7 | 41,0 | 21,9 | 4,4 | 4,3 | 2,9 | 6,9 | 14,0 | 15,1 | 22,0 | 18,6 | -3,3 |
| Нӯшокиҳои беспирт | 1,4 | 8,1 | -2,2 | 4,5 | -1,7 | 0,1 | -0,7 | 0,6 | 1,5 | 2,6 | 3,2 | 4,9 | 5,5 | 16,5 | 10,3 |
| **Хӯроки умумӣ**** | **1,3** | **3,0** | **5,9** | **5,9** | **5,7** | **1,8** | **3,3** | **3,3** | **3,3** | **3,3** | **3,3** | **3,3** | **3,5** | **6,4** | **2,8** |
| **Нӯшокиҳои спиртдор ва тамоку** | **2,0** | **1,0** | **5,0** | **4,6** | **4,3** | **2,8** | **5,8** | **5,7** | **4,9** | **6,2** | **6,3** | **6,9** | **6,0** | **6,5** | **0,5** |
| **Маҳсулоти ғайрихӯрокворӣ** | **31,8** | **4,2** | **5,8** | **7,6** | **8,4** | **7,8** | **7,5** | **7,8** | **6,4** | **6,3** | **6,1** | **6,7** | **6,6** | **6,5** | **0,3** |
| Либос ва пойафзол | 11,3 | 13,4 | 4,5 | 4,9 | 4,1 | 3,3 | 2,8 | 3,2 | 2,7 | 2,4 | 2,6 | 3,0 | 3,4 | 3,4 | 0,0 |
| Масолеҳи таъмир ва сохтмон | 4,2 | 4,9 | 8,0 | 7,8 | 6,5 | 5,1 | 8,0 | 6,8 | 6,4 | 7,8 | 8,2 | 8,2 | 8,3 | 8,4 | 1,0 |
| Маводи шустушӯй | 2,0 | 3,3 | 10,1 | 9,5 | 7,7 | 5,7 | 4,6 | 5,2 | 4,8 | 5,1 | 6,8 | 11,5 | 13,6 | 13,8 | 0,9 |
| Доруворӣ | 2,9 | 13,0 | 7,8 | 6,6 | -0,4 | -1,6 | -0,7 | 4,2 | 5,3 | 7,4 | 7,7 | 8,7 | 8,7 | 9,8 | 0,5 |
| Сӯзишвории нақлиёт | 2,0 | -5,7 | -6,1 | 16,8 | 56,8 | 59,4 | 63,0 | 54,6 | 40,2 | 33,2 | 24,1 | 23,0 | 18,1 | 15,4 | 1,3 |
| Дигар намуди сӯзишворӣ | 1,2 | -9,9 | 14,8 | 12,8 | 22,1 | 11,8 | 2,7 | 2,7 | 2,7 | 5,1 | 5,1 | 5,3 | 4,7 | 3,1 | -1,7 |
| Васоити нақлиёт | 1,1 | 0,8 | 3,2 | 4,3 | 4,2 | 2,9 | 2,9 | 4,0 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 1,6 | 0,0 |
| Лавозимот ва ашёи дигари истифодабарии шахсӣ | 1,8 | 3,8 | 8,8 | 9,3 | 5,6 | 5,2 | 3,7 | 4,1 | 2,8 | 3,2 | 3,4 | 3,6 | 3,1 | 3,3 | 0,2 |
| **Хизматрасониҳо** | **16,7** | **5,5** | **4,0** | **4,1** | **5,1** | **9,3** | **11,3** | **11,5** | **11,1** | **9,9** | **9,6** | **9,4** | **8,4** | **7,8** | **0,2** |
| Манзилӣ-коммуналӣ | 5,7 | 9,1 | 1,8 | 3,7 | 9,6 | 14,6 | 13,1 | 13,2 | 10,5 | 10,1 | 8,9 | 8,2 | 5,2 | 3,3 | 0,4 |
| Иҷорапулии манзил | 0,2 | 2,8 | 6,0 | 4,7 | 3,8 | 1,4 | -1,1 | -0,9 | -0,9 | 3,7 | 3,7 | 4,5 | 4,5 | 5,9 | 0,5 |
| Обрасонӣ ва партовбарорӣ | 0,8 | 4,3 | 0,0 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| Қувваи барқ | 3,2 | 16,2 | 0,7 | 0,7 | 0,7 | 0,7 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| Оби гарм | 0,0 | 0,6 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| Газ | 1,1 | -5,9 | 4,0 | 14,1 | 52,0 | 66,7 | 66,1 | 66,6 | 46,7 | 44,4 | 36,1 | 30,9 | 13,1 | 5,1 | 2,2 |
| Нақлиёт | 4,3 | 3,7 | 3,0 | 1,5 | 1,5 | 11,2 | 22,4 | 22,4 | 24,4 | 19,5 | 19,5 | 19,6 | 19,2 | 19,5 | 0,2 |
| Алоқа | 2,0 | 0,1 | 9,0 | 9,0 | 0,6 | 0,4 | 0,1 | -0,7 | -0,7 | -0,7 | -0,7 | -0,6 | -0,6 | -0,6 | 0,0 |
| Маориф | 1,8 | 1,5 | 9,3 | 8,8 | 8,8 | 8,7 | 7,8 | 8,2 | 8,1 | 8,2 | 8,3 | 8,3 | 8,3 | 8,3 | 0,0 |
| Тандурустӣ | 1,1 | 15,6 | 0,4 | 0,3 | 0,0 | 0,0 | 0,1 | 0,3 | 1,0 | 1,1 | 1,6 | 2,1 | 2,1 | 2,1 | 0,0 |
| Маишӣ | 1,6 | 3,8 | 6,7 | 5,9 | 5,5 | 4,1 | 1,7 | 2,8 | 3,0 | 3,2 | 3,2 | 3,4 | 4,1 | 5,0 | 0,4 |

*- Номгӯи молу маҳсулот ва хизматрасониҳои серистеъмоли аҳолиро дар бар мегирад. Маълумоти пурра оид ба номгӯи маҳсулот (аз рӯи сабади истеъмолӣ-546 номгӯи маҳсулот) дар сомонаи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (www.stat.tj) ҷойгир мебошад.

** - Ошхона, қаҳвахона ва тарабхонаҳо